# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# "ДАР БОРАИ АВФ"

Дар асоси пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиҳати амалӣ намудани принсипи инсондӯстӣ ба муносибати 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф"-ро қабул менамояд.

**Моддаи 1**

Аз адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, новобаста аз муҳлати ҷазои табиншуда ва аз адои ҷазоҳои дигари ба маҳрум сохтан аз озоди алоқаманднабуда, маҳкумшудагони зерин озод карда шаванд:

1) занон;

2) ноболигон;

3) мардони аз синни 55 боло

4) маъюбони гурӯҳҳои I, II ва III, шахсони гирифтори бемориҳои омоси бадсифати марҳалаи 4 ва гурӯҳи клиникии 4 аз рӯи таснифи байналмилалӣ, омоси бадсифати бофтаҳои лимфоидӣ ва хунофар, сили фаъоли узвҳои нафас ва дигар узвҳои бадан мансуб донисташуда;

5) иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, иштирокчиёни амалиёти ҷангӣ дар ҳудуди дигар давлатҳо, ки тибқи қонунгузорӣ сафарбар шудаанд, инчунин шахсоне, ки бар асари фалокати Неругоҳи барки атомии «Чернобил» ва бартарафсозии оқибатҳои он зарар дидаанд:

6) шахсоне, ки бо мукофотҳои давлатии ИҶШС, ҶШС Тоҷикистон Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудаанд;

7) шаҳрвандони хориҷӣ.

**Моддаи 2**

Маҳкумшудагоне, ки аз беэҳтиётӣ ҷиноят содир намудаанд, новобаста аз намуди ҷазои таъиншуда, аз адои ҷазо озод карда шаванд.

## Моддаи 3

Маҳкумшудагони зерин аз ҷазо ё адои ҷазо озод карда шаванд, агар:

1) нисбати онҳо иҷрои ҳукм мавқуф гузошта шуда бошад;

2) нисбати онҳо ҷазо шартан татбиқ нашуда бошад;

3) онҳо ҷазоро дар колонияҳои ислоҳии сукунат адо карда истода бошанд;

4) онҳо шартан пеш аз мухлат аз адои ҷазо озод шуда бошанд;

5) онҳо ба ҷазоҳои дигари ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда маҳкум шуда бошанд;

6) онҳо барои содир кардани ҷиноятҳои дар қисмҳои 1, 2 ва 3 моддаи 245, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 246, қисмҳои 1, 2 ва 3 моддаи 247, моддаҳои 253 ва 257, қисми 2 моддаи 264 ва моддаи 292 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998) пешбинигардида маҳкум шуда, зарари моддии расонидашударо пурра талофӣ карда бошанд;

7) онҳо барои содир кардани ҷинояти дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи $179^2$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998) маҳкум шуда бошанд, агар маблағгузорӣ то 1000 (як ҳазор) сомонӣ бошад, новобаста аз маҳдудиятҳои дар Қонуни мазкур пешбинишуда;

8) онҳо танҳо барои содир кардани ҷинояти дар банди «в» қисми 3 моддаи 200 ва (ё) банди «б» қисми 3 моддаи 201 Кодекси чиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998) пешбинигардида барои муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропи ё ҳаммонанди (аналоги) онҳо ба микдори кам маҳкум шуда бошанд. новобаста аз маҳдудиятҳои дар Қонуни мазкур пешбинишуда;

9) шахсоне, ки ба синни 70 расида бошанд, ба истиснои онҳое, ки барои содир кардани ҷиноятҳои дар моддаи 104, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 138, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 139, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 200, кисми 4 моддаи 245, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 249, моддаҳои 305, 306, 307, 3071, 307. 3073, 3074, 308, 309, 310, 311, 312, 313, 395, 396, 397, 398, 399, 400, 401, 4011 402, 403, 404 ва 405 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998) маҳкум шудаанд.

## Моддаи 4

Маҳкумшудагони зерин, ки барои содир кардани ҷинояти қасдона маҳкум шудаанд, аз адои ҷазо озод карда шаванд:

1) барои содир кардани ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ба мӯҳлати то панҷ сол аз озодӣ маҳрум шудаанд;

2) барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин маҳкум шудаанд ва на камтар аз се як ҳиссаи мӯҳлати ҷазоро дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ адо кардаанд;

3) барои содир кардани ҷиноятҳои махсусан вазнин маҳкум шудаанд ва на камтар аз чор се ҳиссаи мӯҳлати ҷазоро дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ адо кардаанд;

4) барои содир кардани ҷиноятҳои дар қисми 3 моддаи 200 ва қисми 3 моддаи 201 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкум шуда, то рӯзи қабули Қонуни мазкур аз се ду ҳиссаи ҷазоро адо карда бошанд, новобаста аз маҳдудиятҳои дар ҳамин Қонун пешбинишуда.

**Моддаи 5**

Пешбурди парвандаҳои ҷиноятии зерин, ки таҳти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва баррасии судӣ қарор доранд ё аз тарафи судҳо баррасӣ нагардидаанд, қатъ карда шавад:

1) оид ба ҷиноятҳое, ки то рӯзи қабули Қонуни мазкур аз тарафи шахсони дар моддаи 1 ҳамин Қонун пешбинишуда содир гардидаанд;

2) нисбати шахсоне, ки аз беэҳтиётӣ ҷиноят содир намудаанд;

3) нисбати шахсоне, ки қасдан ҷиноятҳои начандон вазнин ва (ё) дараҷаи миёна содир намудаанд:

4) нисбати шахсоне, ки ҷиноятҳои пешбининамудаи қисмҳои 1, 2 ва 3 моддаи 245, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 246, қисмҳои 1, 2 ва 3 моддаи 247, моддаҳои 253 ва 257, қисми 2 моддаи 264 ва моддаи 292 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998)-ро содир карда, зарари моддии расонидашударо пурра талофӣ намудаанд;

5) оид ба ҷиноятҳое, ки то рӯзи қабули Қонуни мазкур аз тарафи шахсони дар бандҳои 7), 8) ва 9) моддаи 3 ҳамин Қонун пешбинишуда содир гардидаанд.

**Моддаи 6**

Мӯҳлати ҷазои адонагардидаи маҳкумшудагоне, ки нисбати онҳо амали моддаҳои 1, 2, бандҳои 3), 6), 8) ва 9) моддаи 3, моддаҳои 4 ва 5 Қонуни мазкур татбиқ намегардад, кам карда шавад:

1) нисбати маҳкумшудагоне, ки барои содир кардани ҷиноят аз беэҳтиётӣ ба онҳо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда шудааст - аз ду як ҳисса;

2) нисбати маҳкумшудагоне, ки ба онҳо барои содир кардани ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ҷазои маҳрум сохтан озодӣ таъин карда шудааст аз ду як ҳисса;

3) нисбати маҳкумшудагоне, ки ба онҳо барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда шудааст - аз се як ҳисса:

4) нисбати маҳкумшудагоне, ки ба онҳо барои содир кардани ҷиноятҳои махсусан вазнин ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда шудааст - аз чор як ҳисса.

### Моддаи 7

Муқаррароти моддаҳои 5 ва 6 Қонуни мазкур нисбат ба шахсони зерин татбиқ карда намешаванд:

1) барои содир кардани ҷиноятҳои дар моддаҳои 61, 62, 63, 64, 65, 66, 67, 68, 69, 70, 74, 104, 105 ва 121 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1961) пешбинигардида ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд ё маҳкум шудаанд:

2) барои содир кардани ҷиноятҳои дар моддаи 104, қисми 3 моддаи 125, моддаҳои 137, 1371, 138, 139, 1421, 1431, 179, 1791, 1792, 1793, 185, 186, 187, 188, 189, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 200, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 201, қисми 4 моддаи 245, қисми 3 моддаи 246, қисми 4 моддаи 247, моддаи 249, қисми 3 моддаи 2531, моддаи 262, қисми 5 моддаи 289, моддаҳои 305, 306, 307, 3071, 3072, 3073, 3074, 308, 309, 310, 313, қисми 4 моддаи 319, қисми 2 моддаи 328, моддаҳои 395, 396, 397, 398, 399, 400, 401, 4011, 402, 403, 404 ва 405 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998) пешбинигардида ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд ё маҳкум шудаанд;

3) ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан маҳкум шудаанд;

4) маҳкумшудагоне, ки нисбати онҳо ҷазои қатл ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда шудааст,

5) барои содир кардани ҷинояти қасдона дар маҳалли адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд.

**Моддаи 8**

1. Муқаррароти моддаҳои 1, 2, 4 ва 5 Қонуни мазкур нисбати шахсоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои зерин ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд ё маҳкум гардидаанд, ба истисноӣ занон ва ноболигон, татбиқ карда намешаванд: 1) барои ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаҳои 61, 62, 63, 64, 65, 66, 67, 68, 69, 70, 74, 104, 105 ва 121 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1961);

2) барои ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаҳои 104, 122, қисми 3 моддаи 125, моддахои 130, $130^{1}$, кисми 3 моддаи 131, моддаҳои 137, $137^{1}$, 138, 139, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 141, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 142, моддаҳои $142^{1}$, $143^{1}$, банди «д» қисми 2 ва қисми 3 моддаи 167, моддаҳои 179, $179^{1}$, $179^{2}$, $179^{3}$, 181, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 184, қисмҳои 4 ва 5 моддаи $184^{1}$, қисмҳои 3 ва 4 моддаи $184^{2}$, қисмҳои 3 ва 4 моддаи $184^{3}$, моддаҳои $184^{4}$, 185, 186, 187, 188, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 189, моддаҳои 194, $194^{1}$, кисмҳои 1, 2 ва 3 моддаи 195, моддаҳои $195^{1}$, 196, 199, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 200, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 201, қисми 3 моддаи $210^{1}$, қисмҳои 4 ва 5 моддаи 212, моддаҳои 240, $241^{1}$, қисми 4 моддаи 244, кисми 4 моддаи 245, кисми 3 моддаи 246, кисми 4 моддаи 247, қисми 4 моддаи 248, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 249, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 250, қисми 3 моддаи $253^{1}$, қисми 3 моддаи 257, моддаи 262, қисми 3 моддаи 264, моддаи 281, қисми 2 моддаи 282, қисмҳои 3, 4 ва 5 моддаи 289, қисми 2 моддаи 292, моддаҳои 305, 306, 307, 3071, 3072, 3073, 3074, 308, 309, 310, кисми 2 моддаи 311, моддаи 313, қисми 3 моддаи 314, қисми 3 моддаи 316, қисми 4 моддаи 319, қисми 2 моддаи 328, моддаҳои 331, 332, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 335, қисмҳои 2 ва 3 моддаи $335^{1}$, қисми 2 моддаи $338^{1}$, моддаи 345, моддаи 347 (агар хабар надодан дар бораи ҷиноят ё пинҳон доштани он ба ҷиноятҳои хусусияти террористи ва экстремистидошта, инчунин ҷиноятҳо 4 ба муқобили асосҳои

сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат вобаста бошад), қисмҳои 2 ва 3 моддаи 356, моддаҳои 364, 365, кисми 2 моддаи 368. қисмҳои 2 ва 3 моддаи 369, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 370, қисми 6 моддаи 374. қисмҳои 3 ва 4 моддаи 375, кисми 3 моддаи 376, моддаҳои 382, 383, 384, 385, қисми 4 моддаи 386, қисми 4 моддаи 391, моддаҳои 393, 395, 396, 397, 398, 399, 400, 401, 4011, 402, 403, 404 ва 405 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998);

3) ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан маҳкум шудаанд;

4) нисбати онҳо ҷазои қатл ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда шудааст;

5) барои содир кардани ҷинояти қасдона дар маҳалли адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд;

6) ҷиноятро дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок содир кардаанд;

7) нисбати шахсоне, ки ҷиноятҳои пешбининамудаи кисмҳои 1, 2 ва 3 моддаи 245, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 246, қисмҳои 1, 2 ва 3 моддаи 247. моддаи 253, қисмҳои 1 ва 2 моддаи $253^{1}$, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 257, қисми 2 моддаи 264 ва моддаи 292 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998)-ро содир карда, зарари моддии расонидашударо пурра талофи накарда бошанд;

8) нисбати шахсоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ва (ё) махсусан вазнин дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 7 сентябри соли 2021 аз адои ҷазо озод шуда, боз ҷиноятҳои вазнин ва (ё махсусан вазнин содир намудаанд.

2. Мукаррароти моддаҳои 1, 2, 4 ва 5 Қонуни мазкур нисбати занон ноболигоне, ки ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаи 104, қисми моддаи 125, қисми 3 моддаи 130, қисми 3 моддаи $130^{1}$, моддаҳои 137, $137^{1}$ қисми 3 моддаи 138, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 139, моддаи $143^{1}$, банди «д» қисми 2 ва қисми 3 моддаи 167, моддаҳои 179, $179^{1}$, $179^{2}$, $179^{3}$, 185, 186, 187, 188, 189, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 200, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 201, қисмҳои 4 ва 5 моддаи 212, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 249, моддаи 262, қисмҳои 3, 4 ва 5 моддаи 289, моддаҳои 305, 306, 307, $307^{1}$, 3072, 3073, 3074, 308, 309, 310, қисми 2 моддаи

311, моддаи 313, қисми 4 моддаи 319, моддаҳои 345, 395, 396, 397, 398, 399, 400, 401, 4011, 402, 403, 404 ва 405 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998)-ро содир намудаанд, инчунин нисбати занон ва ноболигоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои дар қисмҳои 3 ва 4 моддаи 245, қисми 3 моддаи 246, қисми 4 моддаи 247, қисми 3 моддаи 2531, қисми 3 моддаи 257, қисми 2 моддаи 264 ва қисми 2 моддаи 292 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998) пешбинигардида ба ҷавобгарии ҷинояти кашида шудаанд ё маҳкум шуда, зарари моддии расонидашударо пурра талофи накарда бошанд (агар маблағи зарар аз 100 000 (сад ҳазор) сомонӣ зиёд бошад), татбиқ карда намешаванд.

**Моддаи 9**

1. Муҳлати адонагардидаи чазои маҳрум сохтан аз озодии маҳкумшудагоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои дар қисми 1 моддаи 138, қисми 1 моддаи 139, моддаи 187, қисми 1 моддаи 189. моддаҳои 307, 308, 309, 310, қисми 4 моддаи 319 ва қисми 2 моддаи 328 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998) пешбинигардида маҳкум шудаанд (ба истиснои шахсони дар қисми 2 моддаи 10 ҳамин Қонун пешбинишуда), новобаста аз маҳдудиятҳои дар Қонуни мазкур пешбинишуда, як сол кам карда шавад.
2. Муҳлати адонагардидаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодии маҳкумшудагоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои дар қисми 1 моддаи 104, моддаи 188, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 200, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 201 ва моддаи 249 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998) пешбинигардида маҳкум шудаанд (ба истиснои шахсони дар қисми 2 моддаи 10 ҳамин Қонун пешбинишуда), новобаста аз маҳдудиятҳои дар Қонуни мазкур пешбинишуда, ду сол кам карда шавад.
3. Муҳлати адонагардидаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодии маҳкумшудагоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи $179^{2}$, қисмҳои 1 ва 2 моддаи $307^{1}$, кисми 2 моддаи $307^{2}$, қисми 2 моддаи $307^{3}$, қисми 1 моддаи $307^{4}$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998) пешбинигардида маҳкум шудаанд (ба истиснои шахсони дар қисми 2 моддаи

10 ҳамин Қонун пешбинишуда), новобаста аз маҳдудиятҳои дар Қонуни мазкур пешбинишуда, се сол кам карда шавад.

4. Муҳлати адонагардидаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодии занон ва ноболигон, новобаста аз маҳдудиятҳои дар Қонуни мазкур пешбинишуда, се сол кам карда шавад.

## Моддаи 10

1. Қонуни мазкур нисбати шахсоне татбиқ карда намешавад, ки барои содир кардани маҷмуи ҷиноятҳо ё маҷмуи ҳукмҳо айбдор дониста ва (ё) маҳкум шудаанд, агар яке аз ин ҷиноятҳо дар моддаи 7 Қонуни мазкур (ба истиснои шахсони дар моддаи 9 ҳамин Қонун зикргардида) пешбинӣ шуда бошад.

2. Шахсоне, ки барои содир кардани маҷмуи ҷиноятҳо ё маҷмуи ҳукмҳо айбдор дониста ва (ё) маҳкум шудаанд, агар яке аз ҷиноятҳои содирнамудаи онҳо дар моддаҳои 61, 62, 63, 64, 65, 66, 67, 68, 69, 70, 74, 104. 105 ва 121 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1961) ва қисми 2 моддаи 104, қисми 3 моддаи 125, моддаҳои 137, 137[1], қисмҳои 2 ва 3 моддаи 138, қисмҳои 2, 3 ва 4 моддаи 139, қисмҳои 2 ва 3 моддаи моддаҳои 143[1], 179, 185, 186, 262, қисми 5 моддаи 289, моддаҳои 305, 306, қисми 2 моддаи 311, моддаи 313, қисми 3 моддаи 314, қисми 3 моддаи 316, моддаҳои 400, 401 ва 401[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда бошад, муқаррароти моддаи 9 Қонуни мазкур нисбати онҳо татбиқ карда намешавад.

3. Нисбати шахсоне, ки барои содир кардани маҷмӯи ҷиноятҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд ва (ё) маҳкум шудаанд, вале қисми мавод ва парвандаи ҷиноятӣ нисбати онҳо дар пешбурди тафтишоти пешакӣ ё судӣ қарор доранд, масъалаи татбиқи Қонуни мазкур нисбати онҳо танҳо баъди қабул намудани қарори ниҳоӣ аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ ё суд мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

## Моддаи 11

1. Амали Қонуни мазкур нисбати шахсоне паҳн мегардад, ки то рӯзи қабули он ҷиноят содир кардаанд ё аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ба ҷавобгарии ҷинояти кашида шудаанд, ё парвандаи ҷинояти нисбати онҳо дар судҳо баррасӣ нагардидааст, ё мавриди баррасӣ қарор дорад ва (ё) аз ҷониби судҳо маҳкум шуда, ҳукмҳои суди эътибори қонуни пайдо накардаанд, инчунин нисбати шахсоне, ки аз ҷониби судҳои давлатҳои хориҷӣ маҳкум шуда, барои адои минбаъдаи ҷазо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

2. Қонуни мазкур доғи судии шахсонеро, ки то рӯзи қабули ҳамин Қонун ҷиноятҳои начандон вазнин ва (ё) дараҷаи миёна содир намудаанд, мебардорад.

**Моддаи 12**

Иҷрои Қонуни мазкур ба зиммаи мақомот ва муассисаҳои зерин гузошта шавад:

1) мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ нисбати шахсоне, ки мавод ё парвандаҳои ҷинояти нисбати онҳо дар баррасии ин мақомот қарор доранд; 2) судҳо:

а) нисбати шахсоне, ки мавод ё парвандаҳои ҷинояти нисбати онҳо ба судхо ворид гардидаанд, вале то рӯзи кабули Қонуни мазкур баррасӣ нашудаанд ё баррасӣ гардидаанд, вале ҳукм нисбати онҳо эътибори қонуни пайдо накардааст;

б) нисбати маҳкумшудагоне, ки иҷрои хукм нисбати онҳо мавкуф гузошта шудааст ва маҳкумшудагоне, ки нисбати онҳо бо ҳукми суд ҷазо шартан татбиқ карда нашудааст (бо пешниҳоди нозироти корҳои ислоҳӣ ва фармондеҳии қисмҳои ҳарбие, ки рафтори маҳкумшуда ва хизматчиёни ҳарбиро назорат менамояд, аз ҷониби суди маҳалли иҷрои ҳукм ё зисти маҳкумшуда ва судҳои ҳарбӣ);

в) нисбати маҳкумшудагоне, ки аз маҳалли маҳрум сохтан аз озодӣ шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод шудаанд ё қисми адонагардидаи ҷазои нисбати онҳо таъиншуда то рӯзи кабули Қонуни мазкур ба ҷазои сабуктар иваз карда шудааст (бо пешниҳоди нозироти корҳои ислоҳи аз ҷониби суди маҳалли иҷрои ҳукм ё зисти маҳкумшуда);

г) нисбати маҳкумшудагоне, ки ба ҷазои ҷарима маҳкум шудаанд (бо пешниҳоди иҷрочии Хадамоти иҷрои назди Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби суде, ки ҳукм баровардааст);

3) муассисаҳои тобеи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:

а) нисбати шахсоне, ки ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанду ба ҳабс гирифта нашудаанд ва ҳукм нисбати онҳо эътибори қонуни пайдо кардааст;

б) нисбати шахсоне, ки ҷазоро дар намуди корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ дар ҷойи корашон ё дар ҷойҳои дигаре, ки мақомоти иҷрокунандаи ҳукм муайян менамоянд, адо мекунанд, инчунин шахсоне, ки ба маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ҳамчун ҷазои асосӣ маҳкум карда шудаанд:

в) нисбати маҳкумшудагоне, ки ҳукми суд нисбати онҳо эътибори қонуни пайдо кардааст ва дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ қарор доранд;

г) нисбати маҳкумшудагоне, ки ҷазоро дар колонияҳои ислоҳии сукунат адо мекунанд;

4) фармондеҳони қисмҳои ҳарби - нисбати хизматчиёни ҳарбие, ки нисбаташон пешбурди таҳқиқ ё парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти таҳқиқи қисмҳои ҳарбӣ оғоз карда шудааст.

## Моддаи 13

1. Қарор дар бораи татбиқ кардан ё рад кардани татбиқи Қонуни мазкур нисбати ҳар шахс алоҳида қабул карда мешавад.

2. Қарор дар бораи татбиқи Қонуни мазкур нисбати шахсе, ки дар ҷустуҷӯ қарор дорад, бе даъват намудан ва бе розигии чунин шахс қабул карда мешавад.

3. Дар сурати норозӣ будани шахс аз татбиқи Қонуни мазкур ҳалли масъалаи он тибқи қонунгузорӣ баррасӣ карда мешавад.

## Моддаи 14

1. Мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, фармондеҳони қисмҳои ҳарбӣ, муассисаҳои тобеи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни мазкурро бо розигии прокурори дахлдор татбиқ менамоянд.

2. Қонуни мазкур аз ҷониби судҳо бо иштироки ҳатмии прокурор татбиқ карда мешавад.

**Моддаи 15**

1. Ҳангоми татбиқи Қонуни мазкур ҳолатҳои зерин бояд ба инобат гирифта шаванд:

1) амали бандҳои 1) ва 2) моддаи 1 Қонуни мазкур нисбати занон ва ноболигон ба шарте татбиқ мегарданд, ки онҳо то рӯзи қабули ҳамин Қонун ҷиноят содир карда бошанд ва ҷинояти содиркардаашон ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаи 104, қисми 3 моддаи 125, қисми 3 моддаи 130, қисми 3 моддаи 130, моддаҳои 137, $137^{1}$, қисми 3 моддаи 138, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 139, моддаҳои $143^{1}$, банди «д» қисми 2 ва қисми 3 моддаи 167, моддаҳои 179, $179^{1}$, $179^{2}$, $179^{3}$, 185, 186, 187, 188, 189, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 200, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 201, қисмҳои 4 ва 5 моддаи 212, кисмхои 3 ва 4 моддаи 249, моддаи 262, қисмҳои 3, 4 ва 5 моддаи 289. моддаҳои 305, 306, 307, $307^{1}$, $307^{2}$, $307^{3}$, $307^{4}$, 308, 309, 310, қисми 2 моддаи 311, моддаи 313, қисми 4 моддаи 319, моддаҳои 345, 395, 396, 397, 398, 399, 400, 401, $401^{1}$, 402, 403, 404 ва 405 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998) набошад, инчунин нисбати занон ва ноболигоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои дар қисмҳои 3 ва 4 моддаи 245, қисми 3 моддаи 246, қисми 4 моддаи 247, қисми 3 моддаи $253^{1}$, қисми 3 моддаи 257, қисми 2 моддаи 264 ва қисми 2 моддаи 292 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998) пешбинигардида ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд ё маҳкум шуда, зарари моддии расондашударо пурра талофи накарда бошанд (агар маблағи зарар аз 100 000 (сад ҳазор) сомонӣ зиёд бошад), муқаррароти банди 6) моддаи 3 ва банди 4) моддаи 5 ҳамин Қонун татбиқ карда намешаванд;

2) амали банди 2) моддаи 1 ва қисми 4 моддаи 9 Қонуни мазкур нисбати шахсоне татбиқ мегардад, ки дар рӯзи содир кардани ҷиноят ба синни 18 нарасидаанд;

3) амали банди 3) моддаи 1 ва банди 9) моддаи 3 Қонуни мазкур нисбати мардоне татбиқ мегардад, ки дар рӯзи қабули ҳамин Қонун мувофиқан ба синни 55 ва 70 расидаанд;

4) амали банди 4) моддаи 1 Қонуни мазкур нисбати шахсоне татбиқ карда мешавад, ки мувофиқи тартиби муқарраргардида то рӯзи қабули ҳамин Қонун маъюбони гурӯҳҳои I, II ва III дониста шудаанд, нисбати шахсони гирифтори бемориҳои омоси бадсифати марҳалаи 4 ва гурӯҳи клиникии 4 аз рӯи таснифи байналмилалӣ, омоси бадсифати бофтаҳои лимфоидӣ ва хунофар, сили фаъоли узвҳои нафас ва дигар узвҳои бадан, ки то рӯзи қабули ҳамин Қонун бо тартиби муқарраргардида дар муассисаҳои тиббӣ ба қайд гирифта шудаанд;

5) таҳти амали банди 5) моддаи 1 Қонуни мазкур қарор мегиранд:

а) иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, инчунин иштирокчиёни амалиёти ҷангӣ дар ҳудуди дигар давлатҳо, ки дар комиссариатҳои ҳарбии шаҳру ноҳияҳои маҳалли зисташон расман ба қайд гирифта шудаанд;

б) шахсони бар асари фалокати Неругоҳи барқи атомии «Чернобил» ва бартарафсозии оқибатҳои он зарардида, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати Неругоҳи барқи атомии «Чернобил» зарар дидаанд» ба гурӯҳи чунин шахсон дохил карда шудаанд.

2. Муқаррароти банди 7) моддаи 3 Қонуни мазкур нисбати шахсоне татбиқ карда мешавад, ки онҳо то рӯзи қабули ҳамин Қонун ҷинояти дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи 1792 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998) пешбинигардидаро содир намудаанд, агар маблағгузорӣ то 1000 (як ҳазор) сомонӣ бошад.

3. Ҳангоми татбиқи моддаҳои 6 ва 9 ҳамин Қонун қисми мӯҳлати ҷазои адонагардидае кам карда мешавад, ки то рӯзи қабули Қонуни мазкур боқи мондааст.

### Моддаи 16

Шахсони мувофиқи Қонуни мазкур авфшаванда аз ҷазои иловагӣ ва барқарор намудани товони зарари моддии бо кирдори ҷинояти расонидаашон озод карда намешаванд.

### Моддаи 17

Қонуни мазкур нисбати шахсоне, ки ҷиноятҳои давомдор дарозмуддат содир кардаанд, танҳо дар мавриде татбиқ карда мешавад, ки агар ин ҷиноятҳо то рӯзи қабули ҳамин Қонун анҷом ёфта бошанд.

**Моддаи 18**

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин мақомоти дахлдор вазифадоранд:

1) барои бо ҷойи кор таъмин кардани шахсоне, ки аз адои ҷазо тибқи Қонуни мазкур озод шуда, ба маҳалли зисташон баргаштаанд, чораҷӯйи намоянд;

2) назорати ноболиғони мутобиқи Қонуни мазкур озодшударо ба падару модарон ё шахсони онҳоро ивазкунанда вогузор намуда, дар мавриди зарурӣ барои дар мактаб-интернатҳо ҷойгир кардани ноболиғони бесаробон чораҳо андешанд;

3) шахсони озодгардидаи беморро дар муассисаҳои тиббӣ ва маъюбону пиронсолони бесаробонро дар интернат ва хонаҳои пиронсолон ҷойгир намоянд.

**Моддаи 19**

Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсату шуъбаҳон он дар шаҳру ноҳияҳо дар якҷоягӣ бо Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои тобеи он бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ягонаи шахсони аз адои ҷазо озодшударо таъмин намуда, рафтори онҳоро таҳти мушоҳида ва назорат қарор диҳанд.

**Моддаи 20**

1. Иҷрои Қонуни мазкур дар давоми ду моҳ таъмин карда шавад.

2. Агар масъалаи татбиқи Қонуни мазкур нисбати шахсоне, ки то рӯзи қабули он ҷиноят содир намудаанд, пас аз муҳлати пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур ба миён ояд, Қонуни мазкур аз тарафи мақомоти дар моддаи 12 ҳамин Қонун пешбинишуда бо тартиби умумӣ татбиқ карда мешавад.

**Моддаи 21**

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иҷрои Қонуни мазкурро муҳлати ду моҳ таъмин намуда, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси иҷрои он ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд. дар

**Моддаи 22**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе

16 июни соли 2026 № 2257